# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид дар мавзуи «Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст.

Мавзуи таҳқиқотии Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами замон ба ҳисоб меравад, зеро дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ, масъалаи тарбияи насли наврасу ҷавон дар руҳияи инсонгаройй, ахлоқи ҳамида, худшиносии миллӣ ва арзишҳои умумибашарӣ аҳаммияти махсусро касб намудааст.

Мавзуи интихобкардаи довталаби дараҷаи илмӣ Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид "Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддин Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир" мубрам буда, дорои аҳаммияти баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Омӯзиши ғояҳои инсонгароёна ва андешаҳои тарбиявии Ҷалолиддини Балхӣ, ки дар осори ӯ масъалаҳои камолоти маънавӣ, эҳтироми инсон, дӯстиву ҳамдигарфаҳмӣ ва худтакмилдиҳӣ ҷойи махсусро ишғол мекунад, аҳаммияти хос пайдо мекунад. Таҳқиқи масъалаи «Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир» на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки арзиши баланди амалӣ дошта барои такмили раванди таълиму тарбия, баланд бардоштани сатҳи маънавияти ҷавонон ва таҳкими арзишҳои миллӣ мусоидат менамояд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид ба яке аз самтҳои муҳимми таҳқиқоти соҳаи педагогика бахшида шудааст. Мазмуну муҳтаво, мақсад ва вазифаҳои кор ба талабот ва шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мутобиқат менамояд.

Муаллифи диссертатсия қайд кардааст, ки: «ба таҳқиқи ин ақидаҳо ва таъсири онҳо ба инкишофи минбаъдаи низоми маорифи Тоҷикистон асарҳои Х. Афзалов «Мактаб ва афкори педагогӣ дар Эрон дар охири асри XIX - ибтидои асри XX», М. Лутфуллозода «Педагогикаи миллии халқи тоҷик», Қ. Қодиров «Мафҳуми «Консепсияи «инсони комил» дар адабиёти тоҷику форси асрҳои XI-XII», инчунин, Файзалиев Ҷ.Х., ки дар таҳқиқоти худ сарчашмаи акидаҳои педагогии як қатор мутафаккирони асри миёнаро

марбут ба усулҳои тарбияи «инсони комил» ошкор месозад, бахшида шудаанд. Дар омӯзиши масъалаҳои баррасишаванда таҳқиқотҳои Ф. Шарифзода, М. Каримова, А. Паҳлавонова, С. Сулаймонӣ, З. Тоҳирова ва дигарон саҳми арзанда гузоштаанд».

Муаллиф дар автореферат огоҳии баланди худро аз манбаъҳои илмии мавҷуда, аз ҷумла корҳои муҳаққиқони дохилӣ ва хориҷӣ нишон медиҳад.

Дар диссертатсия вазифаҳо мушаххас буда, ба ҳадаф мутобиқанд ва ҷанбаҳои таърихию педагогӣ ва арзишшиносии масъалаҳоро дар бар мегиранд. Ҳадафи таҳқиқот равшан ва мантиқӣ муайян шудааст. Дар натиҷаи таҳқиқот инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддини Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир ошкор карда шудааст.

Доир ба навгонии илмии таҳқиқот қайд кардан зарур аст, ки муаллиф нахустин маротиба дар таҳқиқоти илмӣ-педагогии муосир дастовардҳои мутафаккири бузургро аз нигоҳи усулҳои муосири герменевтикии педагогӣ (таҳлили матн) ва консепсияи маорифи милливу умумибашарӣ ҳаматарафа мавриди баррасӣ ва таҳлили амиқи илмӣ карор додааст.

Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки унвонҷӯ оид ба проблемаи таҳқиқот дониши хуби назариявӣ-илмӣ дорад, бо адабиёти илмӣ-педагогӣ хуб шинос аст ва аз ҳама муҳимаш, адабиёти илмиро дар таҳқиқот хуб истифода бурда метавонад.

Қобили қайд аст, ки технологияҳо ва тавсияҳои методии муаллиф дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ, мактаб-интернатҳо ва марказҳои рушди кӯдакон ҷиҳати ташкили соатҳои тарбиявӣ ва корҳои беруназсинфӣ оид ба тарбияи ахлоқию маънавии насли наврас муваффакона мавриди истифода карор дода мешаванд.

Муаллифи диссертатсия нуктаҳои асосӣ, тавсияҳо, хулосаҳои илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар 8 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз ин шумора, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 номгӯйи дигар дар маҷмуаи маводи конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр шудаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 6 зербоб, хулосаҳо, тавсияҳои амалӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, мазмуни диссертатсия дар 223 саҳифаи чопи компютерӣ дарҷ гардидааст.

**Хулоса,** диссергатсияи Абдулмаҷидзода Манучехр Абдулмаҷид дар мавзуи «Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддин Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму гарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир» яке самти нав ва мубрами илмӣ-таҳқикотии дар соҳаи педагогикаи

муосир мебошад. Автореферат мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра дарбар мегирад.

Хулоса, диссертатсияи Абдулмаҷидзода Манучеҳр Абдулмаҷид дар мавзуи "Инсонгаройӣ ва тарбияи инсони комил дар осори Ҷалолиддин Балхӣ ва татбиқи он дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон дар шароити муосир" ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) мутобиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**Муқаррizи ғайрирасмӣ:**
номзади илмҳои педагогӣ,
директори Муассисаи давлатии таълимии «Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе» Нематуллозода М.М.

Имзои М. Нематуллозодаро тасдиқ мекунам:

Мудири бахши кадрҳо ва назорати коргузории МДТ «Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе» Изатов Ё.

**Суроға:** 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Ғаффор Мирзо 6;
Тел: +99237-233-28-11.

« 19 » июни соли 2026